## АСОСҲОИ ИДОРАКУНИИ ИДОРАИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДӢ

**Ҳамчун ҷузъи сохтории донишгоҳ дар сохтори Идораи таълимӣ-методӣ шӯъбаи таълим, шӯъбаи мониторинг ва таҳлили сифати таҳсилот, шӯъбаи стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ ва маркази машваратию бақайдгирии низоми кредитии таҳсилот амал менамоянд, ки роҳбарии бевоситаи онро муовини ректори донишгоҳ оид ба корҳои таълим ва идораи сифати таҳсилот ба ӯҳда дорад. Зимни иҷро намудани вазифаҳои касбӣ, кормандони масъули Идораи таълимӣ-методӣ бо кафедра, факултет ва дигар сохторҳои донишгоҳ ҳамкорӣ намуда, имконият ва мақоми ҳар яке аз сохторҳои марбутаро барои тарбия намудани мутахассисон ва ба талаботи соҳавӣ ҷавобгӯ будани онро муфид истифода мебарад. Бо назардошти гузориши масъала бо чунин мазмун, Идораи таълимӣ-методӣ барои дар амал ҷорӣ намудани Консепсияи миллии таълим ва тарбия ва дар руҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ омода намудани мутахассисони оянда вазифадор мебошад.**




## ВАЗИФАҲОИ КАСБИИ КОРМАНДОНИ ИДОРАИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДӢ

**Сардори идораи таълимӣ-методӣ мутасаддии дар амал ҷорӣ намудани маҷмӯи қонун ва низомномаҳои соҳаи маориф ва таҳсилоти олӣ, қарорҳои Шӯрои олимони донишгоҳ, фармон ва фармоишҳои ректори донишгоҳ оид ба ҷараёни таълиму тарбия ва тайёр намудани мутахассисон мебошад, ки зимни иҷрои масъалаи мазкур:**

- **мутасаддии дар амал татбиқ намудани сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи муҳайё намудани шароити созгор барои гирифтани таълимоти касбӣ дар сохторҳои мутасаддии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва филиалҳои он вобаста аз самтҳои тайёр намудани мутахассисон дар донишгоҳ мебошад;**
- **меъёрҳои таҳияи нақшаҳои таълимии ихтисос ва равияҳоро дар асоси талаботи Стандартҳои давлатии таълимоти олӣ таҳия намуда, онро барои муҳокима ва тасдиқ ба Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳод менамояд;**
- **дар асоси меъёрҳои тасдиқшуда, ки ҷавобгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи таълимоти олӣ мебошанд, таҳия ва тасдиқи нақшаҳои таълимии донишгоҳро вобаста аз ихтисос ва равияҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқа бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;**
- **нақшаи ҷараёни таълимро барои ҳар як соли таҳсил таҳия намуда, барои тасдиқ ба ректори донишгоҳ пешниҳод менамояд ва иҷрои бевоситаи онро аз ҷониби кафедра, факултетҳо ва ҳамаи ҷузъҳои сохтории донишгоҳ таъмин менамояд;**
- **дар асоси таҷрибаи ҷаҳонии гирифтани таълимот барои даровардани тағйироту иловаҳои мазмунию мундариҷавӣ ба шакли идоракунии донишгоҳ ва ҷузъҳои сохтории он ба Шӯрои олимон ва ректори донишгоҳ масъалагузорӣ менамояд ва барои ҳалли он маводҳои асосноки муқоисавию таҳлилӣ пешниҳод менамояд;**
- **бо таҷрибаи ҷаҳонии идораи сифати таълимот ва стандартҳои байналмилалӣ шинос гардида оид ба баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон маҷмӯи ҳуҷҷатҳоро барои таҳияи муаррифии касбӣ ба Шӯрои олимон ва вазоратҳои мутасаддӣ пешниҳод менамояд;**
- **барои дар амал ҷорӣ намудани рушди инноватсионӣ ва рақобатпазиргардонии донишгоҳ тамоми имкониятҳои кафедра, факултет, нерӯи зеҳнии донишҷӯён ва омӯзгорон сафар менамояд;**
- **ҷадвали гузаронидани машғулиятҳоро дар сатҳи факултетҳо пас аз таҳлили экспертии мудири шӯъбаи таълим имзо менамояд ва иҷрои онро аз ҷониби сохторҳои мутасаддӣ таъмин менамояд;**
- **вобаста аз меъёрҳои муайянкардаи ҳуҷҷатҳои соҳаи таълимоти олӣ, Низомнома ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-методиро оид ба муайян намудани миқдори омӯзгорон ва сарбории онҳо таҳия намуда, барои тасдиқ ба Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пешниҳод менамояд ва иҷрои бевоситаи онро таъмин менамояд;**
- **вобаста аз хусусиятҳои хоси тайёр намудани мутахассисон ба ректори донишгоҳ номгӯи сохтори идоравии факултет ва мансубияти кафедраҳоро дар ҷузъҳои сохтории донишгоҳ таҳия намуда, барои тасдиқ ба Шӯрои олимон ва ректори донишгоҳ пешниҳод менамояд;**

- **меъёрҳо, тарз ва усули супоридани имтиҳонҳои даврӣ ва давлатиро бо назардошти фаъолияти якҷояи кафедра, факултет, Маркази машваратию бақайдгирии низоми кредитии таҳсилотро дар марҳилаҳои алоҳидаи фаъолияти сохторҳои мутасаддӣ вобаста аз ҷадвали тасдиқшудаи ҷараёни таълим муайян менамояд ва барои тасдиқ ба Шӯрои олимони донишгоҳ гузориш пешниҳод менамояд;**
- **вобаста аз фаъолияи кафедраҳо дар якҷоягӣ бо мутасаддиёни маъмурии факултет номгӯи фанҳоеро, ки ба кафедраҳо мансубанд тасдиқ менамояд ва фаъолияти кафедра ва факултетҳоро дар ин раванд таҳти назорат мегирад;**
- **нақшаи кории кафедра ва факултетҳоро аз ташхиси касбӣ гузаронида, масъалаҳои ба ҷараёни таълим ва сифати таҳсилот вобастаро дар нақшаҳои таҳияшуда пешбинӣ менамояд ва таҳти назорат мегирад;**
- **таҳлили фаъолияти донишгоҳро аз нигоҳи корҳои методӣ ва баланд бардоштани сифати таълимот иҷро намуда, ба Шӯрои олимони донишгоҳ ва вазоратҳои мутасаддӣ мефиристад;**
- **дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи таълимоти олӣ ба хатмкунандагон додани диплом ва дигар ҳуҷҷатҳои ба ин масъала вобастаро таъмин менамояд.**
- **ҳамоҳангсозии умумии фаъолиятҳои шӯъбаҳо ва секторҳое, ки таҳти итоати раёсат доир ба корҳои тарбия мебошанд ва таъмини фаъолияти муассири онҳо;**
- **консепсияи ҷамъ овардан ва маҳфуз доштани иттилоотро вобаста ба ҳар як раванди ҷараёни таълим таҳия намуда, дар асоси он сармаҷмӯи маълумотҳоро тартиб медиҳад;**
- **дар асоси консепсияи мазкур вобаста аз самти фаъолияти кафедра ва факултетҳо маълумоти фаврии таҳлили аналитикиро тартиб медиҳад, ки аз ҳисоботи даврӣ ва солона иборат мебошанд;**
- **маълумоти иттилоотӣ - таҳлилиро ба сохторҳои мутасаддии донишгоҳ дар мӯҳлатҳои муайянгардида пешниҳод менамояд;**
- **маълумоти даврии фаъолияти ҷузъҳои сохтории донишгоҳро тартиб дода, онҳоро аз рӯи низоми муайян маҳфуз медорад;**